**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.09.2023 №8

Барои сазовор донистани Каримов Самариддин Раҳматуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дар мавзуи «Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 30-уми июни соли 2023 (суратмаҷлиси №6) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Каримов Самариддин Раҳматуллоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6-уми апрели соли 1991 дар шаҳри Турсунзода дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Солҳои 2009-2015 дар зинаи мутахассиси факултети филологияи ДМТ ва солҳои 2016-2020 аспиранти шуъбаи ғоибонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ буд.

Каримов Самариддин Раҳматуллоевич солҳои 2015-2017 дар Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии шаҳри Турсунзода, аз соли 2017 то сентябри соли 2023 дар Муассисаи давлатии "Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов" ва аз 01-уми сентябри ҳамин сол дар ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ба ҳайси омӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ кору фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қосимов Олимҷон Ҳабибович.

**Муқарризони расмӣ:**

**Гадоев Нурхон** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

- **Назаров Меҳрубон Ниёзмамадович** - номзади илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ Камолзода Хуршед – эксперт, номзади илми филология, профессори кафедраи мазкур Ҳомидов Д. Р. ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми иқтисодӣ, профессор, Хушвахтзода Қ. Ҳ. пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дар мавзуи «Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1 - М]. Каримов С. Р. Номи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар ашъори Рӯдакӣ [Матн] / С. Р. Каримов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018, №2. С. 146- 151.

[2М]. Каримов С. Р. Роҷеъ ба усули лингвокултурологии таҳқиқоти забоншиносӣ. [Матн] / С.Р.Каримов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, №2, 2019. С. 213- 216 .

[3М]. Каримов С.Р. Баррасии лингвокултурологии вожаҳои динор ва дирам дар асрҳои X- XII дар забони тоҷикӣ [Матн] / С.Р. Каримов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4,2021. С. 184- 187.

[4М]. Каримов С.Р. Таҳлили лингвокултурологӣ, сохторӣ ва этимологии се вожаи ифодакунандаи номи ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо дар осори хаттии забони адабии асрҳои X- XII [Матн] / С.Р. Каримов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, №1, 2022. С. 232 - 237 .

[5М]. Қосимов О.Ҳ., Каримов С.Р. Баъзе хусусиятҳои калимасозии вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар осори асрҳои X-XII- и форсу тоҷик [Матн] / О.Ҳ. Қосимов, С.Р. Каримов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, №3 , 2022. С. 139 - 146 .

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6 М]. Каримов С.Р. Лексические единицы динар и дирхем в таджикских источниках X- XII вв.: когнитивный подход» [Текст] // Международная онлайн конференция «Русский язык в поликультурной образовательной среде». Волгоград, Россия, 17 –18 ноября 2021 года.

[7 М]. Самариддин Каримов, Марҳабо Қосимова. Инъикоси роҳи абрешим дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [Матн] // Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё. Материалы международной научно - теоретической конференции, посвященной «Году развития туризма и народных ремесел» – Душанбе, 2018.

[8 М]. Самариддин Каримов. Таҳлили лингвокултурологии вожаи «зар/тилло» бар асоси осори Бедили Деҳлавӣ (Матн) // Маҷаллаи илмии ДМТ «Забон - рукни тоат», № 13. – Душанбе, 2022. С. 154 –157 .

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

-дар автореферати диссертатсия таркиби “осори давраи мавриди назар” истифода шудааст, ки ба назари мо мушаххас баён кардани ин таркиб ба гунаи “осори асрҳои X-XII” мувофиқтар мебошад;

-номи баъзе зербобҳои мундариҷа бо дохили диссертатсия мувофиқат намекунанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд;

-дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат дида мешаванд: с.3, с.4, с.7, с.9, с.16, с.18, с.22 ва ғ.

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илми филология, дотсенти кафедраи фарҳанг ва забони Донишгоҳи

байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Амонова М. Н. мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

-ба андешаи мо хуб мебуд, зерфаслҳои фасли дуюми боби сеюм муттаҳид карда мешуданд;

-дар боби сеюми диссертатсия ҳангоми таҳлили пасвандҳои калимасоз хуб мебуд, агар пасвандҳо мувофиқи тартиби алифбо оварда мешуданд;

-дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ дида мешаванд: с.3, с.9, с.16, с.18;

3. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Носиров С. М. мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

-чун диссертатсия ба таҳқиқи як гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ ё худ луғавӣ маъноӣ бахшида шудааст, хуб мебуд, агар унвонҷӯ мафҳуми мазкурро ба таври мухтасар шарҳу эзоҳ медод;

-ба андешаи мо хуб мебуд, агар унвонҷӯ дар қисмати "Муқаддима"-и диссертатсия миқдори воҳидҳои луғавиеро, ки дар заминаи онҳо кор анҷом дода шудааст, зикр мекард ва дар боби сеюми диссертатсия, ки ба таҳлили сохтории вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII бахшида шудааст, таносуби миқдории вожагони сода, сохта ва мураккабро нишон медод;

-дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд: саҳ.7,8, 10,13,17,18 ва ғ.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:**

- таъйину асоснок намудани ҷанбаи назарии мавзуи таҳқиқ;

- ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии вожаҳои марбут ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо;

- баррасии хусусиятҳои забонӣ-фарҳангии вожаҳои марбут ба ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII.

- нишон додани сабабҳои воридшавии иқтибосот ва намудани мавқеи онҳо дар таркиби калимаҳои марбут ба ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII;

- баррасии хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва фарҳангии ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII;

- таҳқиқи сохтории вожагони мансуб ба ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII;

- муайян кардани мавқеи вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII дар миёни дигар қабатҳои луғавӣ ва таъсиру муносибати онҳо ба анъанаҳои мардум, ки аз ҷанбаи лингвокултурологии онҳо бармеояд;

-таҳлили луғавӣ ва сохториву маъноии вожаҳои ифодагари ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо;

- таҳлили этимологии вожаҳои ифодагари ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо;

- мансубияти ЛҶСҚ ба ҳиссаҳои нутқ.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Таҳқиқ дар асоси дастовардҳои илмӣ-назарӣ ва амалии забоншиносони шинохтаи ватанию хориҷии риштаи забоншиносӣ, аз қабили А. Л. Хромов, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, П.Н. Хонларӣ, А. Деҳхудо, Б. Фаравашӣ, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Н. Шарофов, М. Муҳаммадиев, М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода, О. Маҳмадҷонов, Ш. Бобомуродов, З. Мухторов, А. Байзоев, О. Қосимов, М.Ҳ. Баротзода, Г. Мирзоев, А. Мирбобоев, Ф. Амонова, Ф. Шарипова, Ҳ. Талбакова, М. Бобомуродова ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки натиҷаҳои таҳқикро метавон барои таҳлилу ҳалли масоили мухталифи таърихи забони адабӣ, шинохти вожаҳои ифодагари номи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII тадриси курси «таърихи забони адабӣ», бахусус қисматҳои «лексикология», «калимасозӣ», «маъношиносӣ», «таърихи ташаккули вожагони забони адабӣ», курси «лингвокултурология», «этнолингвистика», таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои соҳавӣ истифода бурд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва

интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** пеш аз ҳама, дар ҷамъоварӣ, коркард, танзим ва ҷобаҷогузории мавод, омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ ва муқоисаи онҳо зоҳир мегардад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ ва ҳалли илмии бахшҳои он гувоҳи пухтагии кор буда, инчунин қисме аз масоили дахлдори мавзуъ дар мақолаҳои нашрнамудаи ӯ инъикос ёфтаанд. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 12 сентябри соли 2023 дар бораи ба Каримов Самариддин Раҳматуллоевич додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати Шуро ворид шудаанд, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – 1 нафар.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.А.

12.09.2023